# ДАРХОСТИ ЛОИҲАИ ШАРИКИИ ДАВЛАТ ВА БАХШИ ХУСУСӢ (ШДБХ) «ТАЪСИСИ «МАРКАЗИ ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШИ-ИҶТИМОИ»

Лоиҳаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ Таъсиси «Маркази хизматрасони маиши иҷтимои» бо дархости Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Он ҳамкории мақомоти давлатӣ дар симои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фармоишгар) ва шарики хусусиро дар татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаи хизматрасониҳои маиши иҷтимои ва истеҳсоли таъмини ниёзмандон ва шаҳрвандон  дар мӯҳлатҳои муайян, ки дар созишнома оиди шарикии давлат ва бахши хусусӣ муқаррар гардидааст, ифода менамояд.

Лоиҳа дар асоси муқаррароти Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои иҷтимои», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», таҳия шудааст.

Дар натиҷаи татбиқи лоиҳа новобаста аз фаъолияти истеҳсолии маркази хизматрасонии маиши- иҷтимои, иҷрои вазифаҳои ба душаш вогузор гардида иловатан ба 20 нафар шаҳрвандони дорои имконияти маҳдуд (маъюбон) хизматрасониҳои имтиёзнок ва ба 20 нафар шаҳрванд ки ҳамчун қишри камбизоат ба қайди давлати гирифта шудаанд хизматрасониҳои ройгони маиши расонида мешавад. Шарики хусусӣ метавонад дар оянда хизматрасониҳоро васеъ карда, теъдоди хизматрасониҳои имтиёзнокро даҳчанд зиёд намуда ҳамзамон ба кормандони Корхонаи давлатии «Заводи протезию ортопедӣ ки 32 фисадашонро маъюбон ташкил медиҳанд хизматрасониҳои маишии имтиёзнок бо назардошти 50 % имтиёз вобаста ба зарурати мурочиат пешбини карда шуда аст.

Муносибатҳои байни Фармоишгар ва намояндаи бахши хусусӣ дар Созишнома оиди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки санади ҳуқуқӣ буда, ӯҳдадориҳои ташкилоти фармоишгар ва шарики хусусиро муқаррар мекунад, муайян карда мешаванд. Созишнома қоидаҳои татбиқи лоиҳаро мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлатии бахши хусусӣ» муайян мекунад.

**Тавсифи умумии лоиҳаи ШДБХ**

| | |
|---|---|
| 1) Номи лоиҳа | Маркази хизматрасонии маиши-иҷтимои. |
| 2) Минтақаи татбиқи лоиҳа | Шаҳри Душанбе, н. Шохмансур кучаи Каротегин 1 |
| 3) Бахши татбиқи лоиҳа | Хизматрасони, истеҳсолот. |
| 4) Шарики давлатӣ, ташкилоти фармоишгар | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| 5) Тавсифи мухтасари лоиҳаи ШДБХ | Тибқи маълумотҳои омори дар ҷумҳури шумораи умумии маъюбон беш аз 160 000 ҳазор нафарро ташкил медиҳад Корхонаи давлатии “Заводи протезию-ортопедӣ”-и шаҳри Душанбе ягона коргоҳи хизматрасонии иҷтимои дар мавриди таъминоти маъюбон бо дасту пойҳои сунъи, ортезҳо, пояфзолҳои махсуси ортопедӣ ва дигар воситаҳои техникии тавонбахшӣ мебошад, ки ҳамасола зиёда ба 15000 ҳазор шахсони имконияташон маҳдуд аз қабили маъюбон, пиронсолон, кудакони муассисаҳои статсионари хизматрасониҳои иҷтимои мерасонад.<br>Дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати милли, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат ва дастгирии қишри ниёзманди аҳолӣ, бахусус маъюбон ва шахсони қобилияташон маҳдуд ва Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон барои солҳои 2017-2020, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корхонаи давлатии”Заводи протезию-ортопедӣ”-и ш. Душанбе тасмим гирифта аст, ки барои тавонбахшии маъюбони ҷумҳури инчунин дастрасии шаҳрвандон ба хизматрасониҳои муосири маиши аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаи корхона дар масоҳати 8 сотиқ “Маркази хизматрасонии маиши иҷтимоиро таъсис диҳад. Лоиҳа бо истифода аз механизмҳои |

| | |
|---|---|
| | ШДБХ, аз ҷумла тавассути додани иншооти мазкур ба шарики хусусӣ барои истифодабарии минбаъда ба муддати тӯлонӣ, амалӣ карда мешавад. |
| 6) Ҳадафҳо ва натиҷаҳои интизор-равандаи лоиҳаи ШДБХ | Ҳадаф - таъмини дастрасии доимии маъюбон ва шахсони ниёзманд, муассисаҳои иҷтимоӣ ва сохторҳои давлатию ҷаъмияти, хориҷӣ ба хизматрасониҳои иҷтимои- маиши.<br>Натиҷаҳо:<br>- Бо ҷалби сармоягузории хусусӣ раванди хизматрасониҳои иҷтимои-маиши, истеҳсоли маҳсулоти ватани ривоҷ меёбад;<br>- Ҳисса гузоштани шарикони хусуси дар раванди саноаткунонии босуръати кишвар;<br>- Расонидани хизматрасониҳои имтиёзнок ба табақаҳои осебпазири минтақа ва кормандони имкониятҳои маҳдуд доштаи Корхонаи давлатии «Заводи протезию-ортопедӣ»-и шаҳри Душанбе;<br>- Беҳбуди дар фазои хизматрасониҳои иҷтимои ҷавобгу ба талаботҳои имрузаи ҷаҳони;<br>- Ташкили коргоҳи таъмири ҳамагуна воситаҳои техникии тавонбаши;<br>- Таъсиси Маркази хизматрасонии иҷораи воситаҳои техникии тавонбахшӣ;<br>- Таъсиси машваратгоҳи ортопеди – радоди;<br>- Қонеъ гардонидани талаботи маишии кормандони маъюб;<br>- Ба роҳ мондани хизматрасониҳои муосири маишӣ ва иҷтимоӣ ба маъюбон ва шаҳрвандоне, ки ниёз ба воситаҳои техникии тавонбахши доранд;<br>- Таъсиси толори ортопеди ва маркази дастрасии маъюбон ба воситаҳои техникии тавонбахши;<br>- Ҷорӣ намудани намунаи муваффақи шарикии давлат ва бахши хусусӣ;<br>- Таъсиси ҷойҳои нави кории доимӣ бо маъошҳои дастрас. |
| 7) Маблағгузории татбиқи лоиҳаи ШДБХ (манбаъҳо) | • Аз ҳисоби маблағҳои шарикони хусусӣ (маблағҳои худ ё қарз). 2,277,056 сомониро ташкил медиҳад. |

| | |
|---|---|
| | |
| 8) Мӯҳлати амали шартномаи ШДБХ | 20 сол аз мӯҳлати пешбинишудаи Таъсиси «Маркази хизматрасонии маиши-иҷтимои |
| 9) Мӯҳлати тахминии харҷбарории лоиҳа (срок окупаемости проекта) | 7 солро ташкил медиҳад. |
| 10) Мухлати таъсис ва сохтмони Марказ инчунин истифодабарии он аз ҷониби шарики хусусӣ | Мӯҳлати сохтмони «Маркази хизматрасонии маиши–иҷтимои 2 солро аз рузи эътибор пайдо кардани Созишномаи ШДБХ ташкил медиҳад.<br>Истифодабарӣ ва нигоҳдорӣ дар давоми мӯҳлати Созишномаи ШДБХ, 20 солро дарбар мегирад Мӯҳлати умумии пешбинишудаи амали Созишнома бе назардошти корҳои сохтмони 20 солро аз рузи ба истеҳсолот шуруъ намудани марказ ташкил медиҳад. |
| 11) Мутобиқати лоиҳаи ШДБХ ба нақшаҳо, барномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳои рушди минтақа/саноат | Лоиҳа ба Стратегияи Миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ҳадафҳои рушди устувори ҷумҳури, мувофиқат мекунад. |
| 12) Иштироки шарики хусусӣ дар лоиҳаи ШДБХ | Маблағгузорӣ ва иҷрои корҳо:<br>- Маблаггузории лоиҳа аз ҳисоби маблағҳои худии Шарики хусуси пардохт карда мешаванд.<br>Бомақсади ба роҳ мондани кору хизматрасони шарики хусусӣ баъд аз ба анҷом расидани корҳои сохтмони ва васлгари ба харидории дастгоҳу таҷҳизотҳои зарурӣ, ва дигар лавозимотҳои барои истеҳсолоту хизматрасони зарур, шуруъ менамояд.<br>Мутобиқи талабот ва стандартҳои муқарраршуда, таъмин намудани хизматрасонии иҷтимоиро ба роҳ мемонад. |
| 13) Шакл, усул ва иштироки шарики давлатӣ дар дастгирӣ ва татбиқи лоиҳа | -Ба шарики хусусӣ додани ҳуқуқи истифодабарии Маркази хизматрасонии маиши-иҷтимои дода мешавад;<br>Дар мавриди ҳамкориҳо бо сохторҳои давлати, мақомотҳои Ҳокимияти маҳали, ҷиҳати дастрасии ҳуҷатҳои иҷозатномадиҳи (сертификат, лицензия) ва дигар санадҳои |

| | |
|---|---|
| | меъёрию ҳуқуқи мусоидат менамояд.<br>Мусоидати шарикии давлати оиди ба феҳрасти субъктҳое иҷтимои ворид намудан ва ба қайди давлати дар сохторҳои ваколатдор сабт намудани «Маркази химатрасонии маиши-иҷтимои» |
| 14) Тавсифи бозори истеъмолӣ | -Маъюбон, шахсони қобилияти маҳдуд дошта, табақаҳои осебпазир, ва шаҳрвадони кишвар. Муассисаҳои давлати, тиҷорати ҷаъмиятӣ ва хориҷӣ. |
| 15) Сарчашмаҳои даромади маблағ | Даромад аз ҳисоби хизматрасониҳо ба аҳолӣ, муассисаҳои буҷетӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ дар асоси шартномаҳои ҳамкори ва калькуляцияи кору хизматрасони. |
| 16) Шакли ШДБХ | Сохтмон, истеҳсолу хизматрасониҳо. |
| 17) Бинои Марказ | Бино аз 2 ошиёна иборат буда бо таҷҳизотҳои зарури таҷҳизонида мешавад. |